Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
____________Раҳмон Д.С.
«_____»__13 июни__соли 2022

**Хулосаи**
**ҷаласаи Шурои олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар соли 2011 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро боихтисоси омӯзгори забони англисӣ хатм кардааст. Соли 2020 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, ҳоло ба ҳайси директори Муассисаи давлатии таълимии “Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб”фаъолият менамояд.

Мавзуи рисолаи номзадии Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар бо унвонии «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» зери роҳбарии Муродова Гулчеҳра Рӯзибоевна, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи

Диссертатсияи илмии Нуриддинзода С.Ҳ., дар ҷаласаи кафедраи сиёсатшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ аз 25-уми апрели соли 2022, протоколи №9 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулосаҳо баровардашуд:

**Баҳодиҳӣ ба иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи унвонҷӯ Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар шароити муосир мавзуи рӯзмарра буда,бо забони хуби илмӣ навишта шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** муайян намудани шаклҳои зоҳиршавии назарфиребии сиёсӣ дар шароити муосир ва нишондодани таъсири манфии он ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравaнд:** Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ назарфиребии сиёсӣ ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, хавфу хатари он дар марҳилаи навини давлатдории миллӣ ва роҳу усулҳои муқовимат бо ин зуҳурот нишон дода шудаанд. Масъалаҳои ҷудогонаи навгонии илмии таҳқиқотро ба таври зерин муаррифӣ намудан мумкин аст:

– ҷанбаҳои таърихию сиёсии ташаккулёбии назарфиребии сиёсӣ таҳқиқ гардида, хусусиятҳои бевоситаи истифодабарии он дар фаъолияти субъектҳои сиёсии замони муосир муайян карда шудааст;

– самтҳои фаъолияти субъектҳои назарфиребии сиёсӣ таҳқиқ гардида, шаклҳои асосии истифодабарии технологияҳои мазкур муайян карда шудаанд;

– истифодаи технологияҳои гуногуни назарфиребии сиёсӣ дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ таҳқикгардида, оқибатҳои ногувории онҳо нишон дода шудаанд;

– фаъолияти тахрибкоронаи созмонҳои террористию экстремистӣ мавриди омӯзиш қарор додашуда, дар ин замина таъсири назарфиребии сиёсӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст;

– таҷрибаи пешгирии оқибатҳои ногувори назарфиребии сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардида, дар асоси он роҳу усулҳои муқовимат бо технологияҳои назарфиребии сиёсӣ дар шароити муосир нишон дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Коркард ва таҳлилу баррасии маълумотҳои ба дастомада, коркарди муқарраротӣ назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ аз ҷониби довталаб мустақилона анҷом дода шудааст. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд. Муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳлилу баррасии равандҳои сиёсӣ истифодаи васеи технологияҳои назарфиребиро таҳқиқ намуда, хавфу хатари онро дар фаъолияти ташкилотҳои террористию экстремистӣ нишон додааст. Довталаб таҳқиқоти худро натиҷагирӣ намуда, вобаста ба пешгирии назарфиребии сиёсӣ ва коҳиш додани таъсири манфии он тавсияҳои амалӣ пешниҳод кардааст.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқот** метавонад дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, равандҳои сиёсӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии фанҳои мазкур метавонад истифода шавад. Инчунин, арзиши назариявии натиҷаҳои тадқиқот бо он асоснок карда мешаванд, ки хулосаҳо ва баррасиҳои муаллиф дар заминаи таҳлили назарияҳои илмӣ ва тағйирпазирии равандҳои сиёсӣ анҷом дода шудаанд, ки дар самти коркарди консептуалии муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

**Усулҳои таҳқиқот**. Дар раванди таҳқиқот методҳои таҳлили системавӣ, функсионалию сохторӣ, типологӣ, мониторинги шабакаҳои иҷтимоӣ истифода бурда шудаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** пеш аз ҳама, сарчашмаҳои илмӣ ва осори мутафаккирони даврaҳои гуногуни таърихӣ ташкил менамоянд. Аз ҷумла, ғояҳои Сун Тзи, Н.Макиавели, Г.Лебон, Х. Ортега-и-Гассет ва ғ. дар фаҳму дарки назарфиребии классикӣ хеле муҳиманд. Инчунин, барои асоснок намудани технологияҳои навини назарфиребии сиёсӣ асарҳои илмию таҳқиқотии олимони хориҷию ватанӣ истифода бурда шудаанд. Дар диссертатсия зимни таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии мавзуъ консепсияҳои илмии«идоракунии омма ва издиҳом», «афкори ҷамъиятӣ ва усулҳои ташаккул додани он», назарияи«иртиботи сиёсӣ», «ҷангҳои иттилоотӣ», «таъсиррасонии психологию иттилоотӣ», «ҷангҳои идеологӣ»ва чанде дигар истифода бурда шудаанд.

**Навғониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйиихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳова технологияҳоисиёсӣ мутобиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар чаҳор мақолаи илмии муаллиф нашр шудаанд, ки онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗУЪ:

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1]. Нуриддинзода С.Ҳ. Истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар шароити тавсеаи шабакаи интернет [Матн] / С.Ҳ. Нуриддинзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2021. –№ 3 (75). –С.67-83.

[2]. Нуриддинзода С.Ҳ. Ҷанбаҳои назариявию методологии таҳқиқи назарфиребии сиёсӣ [Матн] / С.Ҳ. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. –№5. –С.282-290.

[3]. Нуриддинзода С.Ҳ. Истифодаи назарфиребии сиёсӣ дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ [Матн] / С.Ҳ. Нуриддинзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. –№5. –С.282-290.

[4]. Нуриддинзода С.Ҳ. Роҳу усулҳои муқовимат бо назарфиребии сиёсӣ дар шароити муосир [Матн] / С.Ҳ. Нуриддинзода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. –№ 1 (77). –С.67-83.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсияи стифода шуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳова технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ Нуриддинзода Сайҷамолидин Ҳайдар дар мавзуи «Назарфиребии сиёсӣ ҳамчун таҳдид ба суботи сиёсии ҷомеа (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳова технологияҳои сиёсӣ

6D.КОА-001 барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз30.05.2022, протоколи №10 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа13 нафар иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Протоколи №10, аз 30.05.2022.

Раиси Шурои олимони факултет:
номзади илмҳои сиёсӣ: Ҳусайнзода А.Б.

Муқарризи холис
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи равандҳои сиёсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Сафарализода Х.Қ.

Муқарризи холис
н.и.с., дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Назарзода П.С.

Котиби илмии Шурои олимони факултет: Маҳмадсаид М.

Имзои Ҳусайнзода А.Б., Сафарализода Х.Қ., Назарзода П.С., ва Маҳмадсаид М.-ро тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, ҶумҳурииТоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаиС. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj